# Протоколи Маҷлиси Гурӯҳи РЕАКТ

**24 - уми ноябри соли 2011**

---

## Ситод оид ба Ҳолатҳои Фавқулодда ва Мудофиаи Граждании минтақаи Кӯлоб

---

Маҳаллаи Борбад № 17, шаҳри Кӯлоб, вилояти Хатлон, Ҷумҳурии Тоҷикистон

---

**Иштирокчиён:**

Рӯйхати иштирокчиён дар замимаи № 1

**Рӯзнома:**

1. Шиносоӣ – Раиси маҷлис.
2. Маълумот ва навигариҳо оид ба офатҳои табиӣ дар минтақаи Кӯлоб – Сардори СҲФ ва МГ.
3. Муаррифии Барномаи Омӯзишӣ оид ба «Шӯрои Деҳа оид ба Идоракунии Офатҳои Табиӣ» ва «Нақшаи Идоракунии Офатҳои Табиӣ дар Деҳа» – Ибрагимов Мирзо, корманди ташкилоти Миссияи Шарқ.
4. Ахборот аз тарафи шарикон.
5. Дигар масъалаҳо.

**1. Шиносоӣ**

Сардори Ситод оид ба Ҳолатҳои Фавқулодда ва Мудофиаи Граждании минтақаи Кӯлоб, полковник Неъматов Рамазон маҷлиси навбатии гурӯҳи РЕАКТ-ро кушода, иштирокчиёнро хайру мақдам гуфт. Сипас, иштирокчиён худро ба якдигар шинос намуданд.

**2. Маълумот ва навигариҳо оид ба офатҳои табиӣ дар минтақаи Кӯлоб**

**Мувофиқи маълумоти полковник Неъматов Рамазон** дар моҳи ноябри соли 2011 дар минтақаи Кӯлоб ва инчунин дар сатҳи ҷумҳурӣ ҳавои номусоид мушоҳида карда шуд. Дар шаҳру ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб боронгариҳо ва боридани барф ба амал омада буд. Дар натиҷаи боридани боронҳои пай дар пай, хусусан аз 14 то 18-уми моҳи ноябри соли ҷорӣ, як қатор хисоротҳои хурд расонида шуд, ки аксарияти онҳо бо дастгирии мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва аҳолӣ бартараф карда шуд. Рӯзҳои 17 -18 –уми ноябри соли 2011, дар Ҷамоати деҳоти Боғгаӣ ва Ҷамоати деҳоти Балхобии ноҳияи Мӯъминобод омадани сел ба мушоҳида расид. Сатҳи сойи Лангар баланд шуда, ба хоҷагиҳои шахсии деҳаҳои Чашмаи Ҷушон ва Сангдара об ворид шуда, камтар зарари иқтисодӣ ба заминҳои наздиҳавлигии онҳо расонида шуд. Инчунин як қисмати роҳҳои нақлиётии деҳаҳои Лангар, Сангдара ва Чашмаи Ҷушон хароб гардид. Кӯпруки роҳи деҳаи Лангар зарар дида, оби сел дамбаи сохташударо шуста бурд. Дар

ҷамоати деҳоти Кулчашма низ дар деҳаи Гулистон, канали Қулулӯ, ки оби он барои обёрикунии заминҳои кишт ва пур кардани обанбори ноҳияи Мӯъминобод истифода мешуд, рахна гардид ва як қисми заминҳои аҳолинишин зери лойқа монд. Сабаби асосӣ ин боришоти зиёд ва лабрез шудани оби канал буд. Комиссияи Ҳолатҳои Фавқулоддаи ноҳияи Мӯъминобод ҳамаи зарарҳои расонидашудаи хисоротро ҳисоб намуда, санадҳоро пешниҳод намуданд ва бо Қарори Раиси ноҳия зарари умумии хисоротҳо дар ноҳияи Мӯъминобод 570 000 сомониро ташкил намуд. Ҳамаи хисоротҳо ҳуҷҷат карда шуда, ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон пешниҳод карда шуд. Аз рӯзи якшанбе, яъне 20-уми ноябри соли 2011, як қатор корҳо барои бартараф кардани ин ҳодисаҳо ва чораҳои пешгирӣ, амалӣ карда шуда истода аст. Ҷаласаи Коммиссияи Ҳолатҳои Фавқулодда дар сатҳи вилояти Хатлон гузаронида шуд, ки дар ин ҷаласа мӯҳтарам Раҳмонов Холмурод Зардович, Муовини Раиси вилояти Хатлон иштирок намуд. Протоколи ҷаласа ба имзо расид, ки қарор карда шуд, ки зарарҳои расонидашуда бо қувваи худи ноҳия, минтақа ва вилоят бартараф карда шавад. Ҳамаи ташкилоту муассисаҳо вазифадор карда шуданд. Аз ҷумла, Корхонаи Зудамали Механиконидашудаи минтақаи Кӯлоб, ки бо техника муҷаҳаз карда шудааст, барои бартараф кардани хисорот сафарбар карда шуд, ки 5 техникаи онҳо кор карда истодаанд. Инчунин, дар корҳои баратарафкунӣ, муассисаи ДЕУ-и ноҳия низ сафарбар карда шуд. Бо ташкилоти КАРИТАС низ вохӯрӣ гузаронида шуд. Корҳои мустаҳамкамкунии дамба идома дорад. Инчунин, роҳҳои наклиётӣ дар ноҳияи Шуробод зарар дид ва муассисаи ДЕУ барои бартараф кардани зарарҳои расонидашуда кор карда истодааст.

**Лейтенанти калон - Усмонов Субҳон, Сардори СҲФ ва МГ- и шаҳри Кӯлоб** баромад намуда қайд кард, ки боронгариҳои пай дар пайи моҳи гузашта мушоҳида карда шуд.

Дарозии 5700 метри сойи Тебалай дар дохили шаҳри Кӯлоб ба аҳолӣ таҳдиди хатар дорад. Дар якҷоягӣ бо Идораи давлатии хоҷагии оби шаҳри Кӯлоб ҳамаи санадҳо, гузоришҳо, пешниҳодҳо ва нақшаҳои барқарорсозӣ ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Кӯлоб пешниҳод карда шуд, ки дар сатҳи муҳокима қарор дорад. Ба ғайр аз ин, аз тарафи болооби дарёи Ҷамоати деҳоти Даҳана дамба бо номи «Ҳукумати нав» қарор дорад, ки дар дарозии он 580 метрро дарбар мегирад. Барои барқарорсозии он, санад ва нақшаи корӣ тартиб дода шуд ва ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Кӯлоб пешниҳод карда шуд, интизори супоришу дастгирӣ қарор дорад. Баъди боришоти зиёди моҳи ноябри соли ҷорӣ, минтақаҳои хавфнок муайян карда шуданд, ки кадом мавзеъҳо барои тоза кардан ва мустаҳкам кардани соҳилбандӣ ниёз дорад. Дар ин замина, санадҳо омода карда шуда ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Кӯлоб пешниҳод гардид.

**Абдуалимов Қурбоналӣ, муҳандиси Барномаи Рушди Созмони Милали Муттаҳид** баромад карда маълумот дод, ки дар сойи Тебалай ду лоиҳа амалӣ шуда истода аст. Яке аз онҳо барқарорсозии системаи оби нӯшокии шаҳри Кӯлоб аст. Як қисмати ин лоиҳа сохмтони дамбаро дарбар мегирад, боришоти зиёд ба ин дамба каме зарар расонид, ки зарари расонидашуда бартараф карда шуд. Ин дамба барои

муҳофизати обанбори Тебалай сохта шуда аст. Аз рӯи мушоҳидаҳо маълум гардид, ки хонаҳои аҳолинишини дар наздикии ин сой дар сатҳи хатар ҷойгир гаштаанд. Барои баратараф кардани оқибатҳои хатар, ягон идораи сохмтонии давлатӣ бояд ақаллан дохили сойи Тебалайро канда, равиши ҷоришавии обро ба байни он равона созад.

Иштирокчиён масъалаи фонди захираҳои мавҷудбудаи ноҳияҳоро муҳокимаронӣ намуданд, ки ҳар як ноҳия бояд дорои захираҳои худ бошад ва барои пешгирӣ ва бартараф кардани оқибатҳои офатҳои табиӣ истифода бурда мешавад.

**Набиев Ҳабибулло, Роҳбари Бахши Идоракунии Маҳалиии Барномаи Ҷонибдории Инкишофи Иҷтимоии Манотиқи Кӯҳистони минтақаи Кӯлоб** қайд намуд, ки иҷроиши лоиҳаи "Беҳсозии сатҳи зиндагӣ дар Хатлон» IFAD дар ноҳияи Мӯъминобод идома дорад. Бо саҳмгузории мардум ва лоиҳаи IFAD, бояд лоиҳаи соҳилмустаҳкамкунӣ дар деҳаи Сангдараи Боло ва Туту амалӣ карда шаванд.

3. **Муаррифии Барномаи Омӯзишӣ оид ба «Шӯрои Деҳа оид ба Идоракунии Офатҳои Табиӣ» ва «Нақшаи Идоракунии Офатҳои Табиӣ дар Деҳа» – Ибрагимов Мирзо, корманди ташкилоти Миссияи Шарқ.**

Ибрагимов Мирзо, корманди ташкилоти Миссияи Шарқ баромад карда, маълумот дод, ки яке аз лоиҳаи ташкилоти Миссияи Шарқ ин равобити ҳамкорӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Афғонистон аст. Лоиҳаи мазкур аз тарафи Созмони Милали Муттаҳид ва Давлати Япония маблағгузорӣ карда шудааст. Ба наздикӣ сафари корӣ ба Ҷумҳурии Исломии Афғонистон гузаронида шуд. Дар сафари корӣ, тибқи барномаи омӯзишӣ оид ба «Шӯрои Деҳа оид ба Идоракунии Офатҳои Табиӣ» ва «Нақшаи Идоракунии Офатҳои Табиӣ дар Деҳа» фаъолиятҳо пеш бурда шуд. Омӯзишҳо дар байни Роҳбарони Кумитаҳои муборизаи зидди ҳаводиси деҳаҳо яъне Кумитаҳои Ҳолатҳои Фавқулодда ва кормандони дафтари Миссияи Шарқ дар вилояти Тахори Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ва аъзоёни Шӯрои деҳаҳои ҳадафноки ноҳияи Чаҳоб гузаронида шуд. Омӯзишҳои мазкур дар сатҳи баланд гузаронида шуд. Дар деҳаҳои ҳадафноки лоиҳа дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон фаъолиятҳои митигатсионӣ низ амалӣ карда шудааст ва мардуми маҳал дар иҷроиши ин фаъолиятҳо саҳмгузорӣ намуданд.

4. **Ахборот аз тарафи шарикон**

**Неъматов Ибодулло, Роҳбари ташкилоти ҷамъиятии «Бахт»** қайд намуд, ки дар маҷлиси гузаштаи гурӯҳи РЕАКТ, Шабака оид ба Тағйирёбии иқлим муаррифӣ карда шуд. Фикру пешниҳодҳои иштирокчиён барои беҳтар кардани кори Шабака ба назар гирифта шуд. Дар ин замина, Низомномаи Шабака омода карда мешавад. Варақаи махсус барои бақайдгирии аъзоёни Шабака ба иштирокчиёни маҷлиси гурӯҳи РЕАКТ тақсим карда шуд. Гузаронидани Маҷлиси якуми Шабака дар охири моҳи ноябри соли ҷорӣ ба нақша гирифта шудааст. Бисёри маълумотҳо оид ба тағйирёбии иқлим тавассути почтаи электронӣ ба аъзоёни Шабака равон карда мешавад. Барои аъзо шудан ба ин Шабака, хоҳишмандон метавонанд, ки ба намояндагони ташкилоти ҷамъиятии «Бахт» муроҷиат намоянд.

**Виллем ван Веперен, Роҳбари барномаҳои ташкилоти КАРИТАС, ноҳияи Мӯъминод** зимни суханронӣ худ қайд намуд, ки айни замон мушкилотҳо доир ба офатҳои табиӣ дар ноҳияи Мӯъминобод ва дигар минтақаҳо пайдо шуда истодааст, ки ҷиҳати дастгирӣ ниёз доранд. Барои ҳамин, мо бояд якҷоя ҳамкорӣ намоем, ки зарарҳои расонидашуда бартараф карда шаванд. Ба ҳар ҳол, бояд бештар чорабиниҳои пешгирӣ амалӣ карда шаванд. Дар маҷлисҳои ояндаи гурӯҳи РЕАКТ хуб мешавад, ки доир ба фаъолиятҳои пешгирӣ суханронӣ намоем. Хуб мешавад, ки дар бораи фаъолиятҳои муваффақгардида ва нокомгардидаи худ муҳокимаронӣ намоем ва бо таҷрибаҳои беҳтарини якдигар шинос шавем. Инчунин, аъзогии Шабакаи Тағйирёбии Иқлимро хуш пазируфт.

**Верхотурцева Татьяна Николаевна, намояндани ташкилоти ҷамъиятии «Наҷоти Кӯдакон»** маълумот дод, ки аз рӯи лоиҳаи дастгирии гурӯҳҳои ташаббускор дар ноҳияҳои Кӯлоб, Мӯъминобод ва Ховалинг фаъолият доранд. Деҳаҳои Мумирак, Туто, Тебалай ва Боғи Ҳабиб дар наздикии сойи Тебалай ҷойгиранд ва ҳама сола оби сел зарари худро ба аҳолӣ мерасонад. Имсол, Т.Ҷ. «Наҷоти Кӯдакон» дар байни гурӯҳҳои ташаббускор омӯзиши «Расонидани Ёрии Аввал» гузаронид. Инчунин, 29-уми октбяри соли 2011, дар сатҳи Ҷамоати деҳоти Балхобӣ чорабинии шуниди ҷамъиятӣ гузаронида шуд. Дар чорабинии мазкур, намояндагони мақомотҳои давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва аҳолии деҳаҳои дар боло номбаршуда иштирок намуданд. Ҳоло, яке аз мушкилотҳои деҳаи Мумирак, ин пурқувват сохтани купрук аст. Барои ин фаъолият тахминан 5000 сомонӣ лозим аст ва саҳми аҳолӣ тақрибан 4000 сомониро дарбар мегирад. Аз намояндагони мақомотҳои давлатӣ ва ташкилотҳо ҷиҳати дастгирӣ ин масъала муроҷиат карда шуд. Ҷойҳои хатарнок маълум карда шуда, ба тариқи мактуб ба мақомоти иҷроияи ноҳияи Мӯъминобод пешниҳод карда шудааст.

**Шарипов Ҷалол, Роҳбари Ташкилоти «Наҷоти Кӯдакон»-и Амрико дар минтақаи Кӯлоб** маълумот дод, ки рӯзҳои 7 то 11-уми ноябри соли ҷорӣ барфи зиёд ғайричашмдошт дар ҷумҳурӣ борида буд. Дар ин замина, гузаронидани тадқиқот доир ба амнияти озуқаворӣ дар вилояти Хатлон ба нақша гирифта шудааст. Инчунин 9 ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб фаро гирифта мешаванд.

**5. Дигар масъалаҳо**

Аз иштирокчиён хоҳиш карда шуд, ки барои рӯзномаи маҷлиси ояндаи гурӯҳи РЕАКТ, пешниҳодҳои худро пешакӣ ба котиби маҷлиси гурӯҳи РЕАКТ ва Ситод оид ба ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании минтақаи Кӯлоб расонанд.

Маҷлиси навбатии гурӯҳи РЕАКТ рӯзи 29-уми декабри соли 2011, Панҷшанбеи охири моҳ дар идораи Ситод оид ба ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании минтақаи Кӯлоб ба нақша гирифта шудааст.

**6. Пешниҳодҳо:**

- Хадамотҳои давлатии масъул, ақаллан дохили сойи Тебалайро аз боло то поён канда, равиши ҷоришавии обро ба байни он равона созад, ки пешгирии хатари селро бартараф намояд.

- Яке аз маҷлисҳои гурӯҳи РЕАКТ дар ташкилоти КАРИТАС дар ноҳияи Мӯъминобод гузаронида шавад.
- Барқарор кардани ратсияҳои Гурӯҳҳои Идоракунии Офатҳои Табиӣ дар Деҳа дар лоиҳаи минбаъдаи ДИПЕКО ба назар гирифта шавад.
- Ташкилотҳои байналхалқӣ дар таҳрезии лоиҳаи нави ДИПЕКО – 7 бо Ситоди Ҳолатҳои Фавқулодда ва Мудофиаи Граждании минтақаи Кӯлоб ҳамкории зич намоянд.

**Замимаи № 1: Рӯйхати иштирокчиён**

| Ному насаб | Ташкилот | Телефон | Почтаи электронӣ |
|---|---|---|---|
| Неъматов Рамазон | СҲФ ва МГ- и минтақаи Кӯлоб | 919 52 82 13 | |
| Розиқов Шодиҷон | СҲФ ва МГ- и минтақаи Кӯлоб | 918 48 86 13 | |
| Усмонов Субҳон | СҲФ ва МГ- и шаҳри Кӯлоб | 918 93 73 75 | subhon_usmonov@mail.ru |
| Виллем ван Веперен | Каритас | 988 44 22 26 | wweperen@caritas.ch |
| Абдуалимов Қурбоналӣ | БРСММ, шаҳри Кӯлоб | 918 71 17 96 | kurbonali.abdualimov@undp.org |
| Аника Хилема | Ихтиёрии ташкилоти VSO Кулоб | 988 43 83 70 | |
| Фирузҷони Зарифи | Тарҷумон | 918 65 02 10 | |
| Абдулвоҳидов Носир | Оксфам, шаҳри Кӯлоб | 918 69 55 25 | nabdulvohidov@oxfam.org.uk |
| Ибрагимов Мирзо | Миссияи Шарк, шаҳри Кӯлоб | 951 92 44 61 | DP-manager2@miseast.tojikiston.com |
| Шарипов Ҷалол | Ташкилоти «Наҷоти Кӯдакон»- и Амрико | 935 08 25 20 | jsharipov@savechildren.org<br>jalol@savechildren.tj |
| Набиев Ҳабибулло | БҶИИМК-и минтақаи Хатлон | 907 85 85 66 | habibullo.nabiev@akdn.org |
| Верхотурцева Татьяна | Т.Ҷ. «Наҷоти Кӯдакон» | | najoti-kudakon@ yandex.ru<br>tatyana_ngo @ mail.ru |
| Ҳикматов Назрулло | Раёсати тандурусти минтақаи Кӯлоб | 951 54 53 32 | |
| Неъматов Ибодулло | Т.Ҷ. «Бахт» | 985 26  80 63 | bakht_mehnat@mail.ru |
| Талбаков Турахон | Коалитсияи Пахтакор 1 | 917 37 89 31 | |
| Давлатшоев Амиршо | Коалитсияи Пахтакор 2 | 985 96 80 69 | |
| Фазилатов Абдукарим | Коалитсияи Чохтемур | 918 55 66 14 | |
| Мирзоев Раҷабалӣ | Коалитсияи Даҳана | 985 15 69 55 | |
| Латифов Сайҷамол | Коалитсияи Пахтаобод | 985 42 42 29 | |